

*Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим*

**قَالَ رَسُول الله (صلّى الله عليه وَ آله):**
**اِنِّي تَارِكٌ فِيكُمُ الثَّقَلَيْنِ: كِتَابَ الله، وَعِتْرَتِي اَهْلَ بَيْتِي،**
**مَا اِنْ تَمَسَّكْتُمْ بِهِمَا لَنْ تَضِلُّوا اَبَدًا،**
**وَانَّهُمَا لَنْ يَفْتَرِقَا حَتىّ يرِدَا**
**عَلَيَّ الْحَوْضَ.**

***Расули Худо(с) фармудаанд:***
***Ман ду чизи гаронбаҳоеро дар миёни шумо аз худ боқӣ мегузорам: яке Китоби Худованд ва дигаре Итратам, Аҳли байтам. Агар ба ин ду чанг занед, ҳаргиз гумроҳ нахоҳед шуд. Ин ду ҳеҷ вақт аз якдигар ҷудоӣ надоранд, то он гоҳ ки бар ҳавзи Кавсар бар ман ворид шаванд.***

*Саҳеҳи Муслим, ҷилди **7**, саҳ. **122**; Сунани Дорамӣ, ҷилди **2**, саҳ. **432**; Муснади Аҳмад, ҷилди **3**, саҳ. **14, 17, 26, 59**, ҷилди **4**, саҳ. **366, 371**, ҷилди **5**, саҳ. **182**, Мустадраки Ҳоким, ҷилди **3**, саҳ. **109, 148, 533** ва **...***

# Нигариши кӯтоҳе
# ба зиндагии чаҳордаҳ маъсум

### Қисмати даҳум
### Зиндагии пешвои ҳаштум ҳазрати
### Имом Ризо (а)

**Муаллиф:**
**Ҳайати таҳририяи муассисаи «Дар роҳи ҳақ»**

**Мутарҷим:**
**Зарринтоҷ**

**Ношир**
**Маҷмаи ҷаҳонии «Аҳлибайт»**

نام کتاب: پیشوای هشتم حضرت امام علی بن موسی الرضا (ع)

نویسنده: هیأت تحریریه مؤسسه در راه حق

مترجم: زرین‌تاج

زبان: تاجیکی

**Номи китоб**: Нигариши кӯтоҳе ба зиндагии чаҳордаҳ маъсум (Зиндагии пешвои ҳаштум Имом Ризо)

**Муаллиф**: Ҳайати таҳририяи муассисаи «Дар роҳи ҳақ»

**Мутарҷим**: Зарринтоҷ

**Таҳиякунанда**: Муовинати фарҳангии Маҷмаи ҷаҳонии «Аҳлибайт», идораи тарҷума

**Адади нашр**: 3000

**Навбати чоп**: Аввал

**Таърихи чоп**: соли 2008

**Ношир**: Маҷмаи ҷаҳонии «Аҳлибайт»

**Чопхона**: Исроъ

ISBN: 978-964-529-213-1

www.ahlul-bayt.org

info@ahlul-bayt.org

**RIGHTS RESERVED FOR**
**THE AHL AL-BAYT (‘A) WORLD ASSEMBLY**

## Сарсухан

***Бисмиллоҳир-Раҳмонир-Раҳим***

Аҳли Байт алайҳимуссалом мероси гаронбаҳое аз худ боқӣ гузоштаанд, ки пайравонашон онро аз хатари нобудӣ ҳифз намудаанд. Ин намунаи фарогири як мактабе аст, ки шохаҳои мухталифи маърифати исломиро дар бар дошта ва тавониста аст ашхоси зиёди тавонмандеро барои сероб шудан аз ин чашмаи ҷӯшон, парвариш ва тақдими уммати исломӣ намояд.

Ин донишмандон бо пайравӣ аз Аҳли Байти Паёмбар(с) дар мақоми посухгӯӣ ба дасисаҳо ва шубҳаҳои воридшуда аз сӯи мазҳабҳо ва ҷараёнҳои фикрии дохил ва хориҷи ҷомеаи исломӣ баромада, дар давоми қарнҳои гузашта пешниҳодкунандаи матинтарин посуххо ва роҳи ҳалҳо барои ин шубҳаҳо буда ва ҳастанд.

Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт(а) бар асоси масъулиятҳои бар гардан гирифтаи худ ба дифоъ аз ҳарими рисолат ва эътиқодоти ҳақиқии он; ҳақоиқе, ки арбоби фирқаҳо, мазҳабҳо ва асҳоби ҷараёнҳои мухолифи Ислом пайваста дар мухолифат бо он кӯшиш ба харҷ додаанд, камари ҳиммат баста аст. Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт(а) худро дар ин роҳи муқаддас пайрави шогирдони ростини мактаби Аҳлибайт(а) медонад; ҳамон, ки ҳамвора барои радди ин иттиҳомоти давомдор омодагӣ дошта ва кӯшиш намудаанд мутобиқ бо зарурати ҳар асру замон дар сафи пеши ин мубориза боқӣ монанд.



Таҷрибаҳое, ки дар ин замина дар китобҳои донишмандони мактаби Аҳлибайт(а) захира шудаанд, дар навъи худ беназир мебошанд. Зеро ин таҷрибаҳо аз дастовардҳои илмӣ бар асоси ҳокимияти ақл, истидлол, дурӣ аз ҳавою ҳавас ва таассуби кӯркӯрона бархурдор буда, мутахассисон ва соҳибони андешаро чунон мавриди хитоб қарор медиҳад, ки ақли солим ва фитрати поки инсон пазирои он бошад.

Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт(а) кӯшида аст, то марҳалаи наве аз ин таҷрибаҳои арзишмандро дар маҷмӯае аз таҳқиқот ва таълифоти муаллифони муосир аз мактаби Аҳлибайт(а) барои ташнагони ҳақиқат қарор диҳад.

Ин Маҷмаъ ҳамчунин иқдом ба таҳқиқ ва нашри таълифоти судманди гузаштагон ва шахсиятҳои барҷастаи пайравони ин мактаб намудааст, то ин манобеъ низ ташнагони ҳақиқатро чашмаи гуворое бошад, то дар асри такомули босуръати ақлҳо гӯши ҷони худро бар

ҳақоиқе, ки Аҳли Байти рисолат(а) барои ҳамаи ҷаҳониён ба армуғон овардаанд, бикушоянд.

Умедворем хонандагони мӯҳтарам бо пешниҳоди назарияҳо ва пешниҳодҳои арзишманд ва интиқодҳои созандаи худ Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт(а)-ро дар ин замина бонасиб гардонанд.

Ҳамчунин аз соири муассисаҳо, донишмандон ва тарҷумонҳо даъват мекунем, то дар нашри фарҳанги Исломи ноби Муҳаммадӣ(с) моро ёрӣ намоянд.

Аз Худованди мутаол мехоҳем ин талоши ночизро аз мо қабул намуда, талоши моро зери сояи ҷонишини худ дар замин ҳазрати Маҳдӣ (Худованд зуҳурашро наздик гардонад) рӯзафзунтар созад.

*Муовинати фарҳангии*
*Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт (а)*

# Пешвои ҳаштум ҳазрати Имом Алӣ ибни Мӯсо (а)

## Валодати соминул ҳуҷаҷ (а)[1]

Рӯзи ёздаҳуми моҳи зиқаъдаи соли 148-и ҳиҷрии қамарӣ дар Мадина дар хонаи Имом Мӯсо ибни Ҷаъфар(а) фарзанде чашм ба ҷаҳон кушод,[2] ки баъд аз падар таърихсози имон, илм ва имомат шуд. Ӯро Алӣ ном гузоштанд ва дар зиндагӣ ба "Ризо" машҳур гашт.

Модари гиромии ӯ Наҷма[3] ном дошт ва дар хирадмандӣ, имон, тақво аз барҷастатарин бонувон буд.[4]

Усулан имомони пок ҳамагӣ аз насли бартарин падарон буданд ва дар домони пок ва пурфазилати гиромитарин модарон парвариш ёфтанд.

---

[1] Ҳуҷҷати ҳаштум, имоми ҳаштум, пешвои ҳаштум.

[2] "Кофӣ", ҷ.1, саҳ.486. "Эъломулваро" саҳ, 302, "Иршод"-и Муфид саҳ, 285.

[3] Номи дигари ин бону Туктам аст.

[4] "Эъломулваро" саҳ, 302.



## Таъйин ва баёни имомати Имом Ризо (а)

Имом Ризо(а) дар соли 183-и ҳиҷрии қамарӣ пас аз шаҳодати Имом Козим(а) дар зиндони Ҳорун, дар синни сию панҷсолагӣ бар маснади илоҳии имомат такя зад ва ӯҳдадори пешвоии уммат шуд.

Имомати он гиромӣ монанди соири Аиммаи маъсумин(а) ба таъйин ва баёни Расули Худо(с) ва бо муаррифии падараш Имом Козим(а) буд.

Имом Козим(а) пеш аз дастгирӣ ва зиндон мушаххас карда буд, ки ҳаштумин имоми ростин ва ҳуҷҷати Худо дар замин пас аз ӯ кист, то пайравону ҳақҷӯён дар зулмат намонанд ва ба каҷравию гумроҳӣ наафтанд.

Махзумӣ мегӯяд: Имом Мӯсо ибни Ҷаъфар(а) моро наздаш даъват кард ва гуфт: "Оё медонед чаро шуморо талабидам?"

Ҷавоб додем:

- Не.

Гуфт:

- Хостам то гувоҳ бошед, ки ин писарам (ба Имом Ризо(а) ишора карда) васӣ ва ҷонишини ман аст[1]...

Язид ибни Сулайт мегӯяд: барои анҷоми ҳаҷҷи умра ба Макка рафтем. Дар роҳ ба Имом

---

[1] "Эъломулваро" саҳ, 304.

Козим(а) рӯ ба рӯ шудем ва ба он ҳазрат арз кардам:

- Ин маҳалро мешиносед?

Фармуд:

- Оре, ту низ мешиносӣ?

Арз кардам:

- Оре, ману падарам дар ҳамин ҷо шумою падаратон Имом Содиқ(а)-ро мулоқот кардем ва соири бародаронатон низ ҳамроҳи шумо буданд. Падарам ба Имом Содиқ арз кард: “Падару модарам фидоятон, шумо ҳамагӣ имомони поки мо ҳастед ва ҳеҷ кас аз марг дур намемонад, ба ман чизе бигӯед, то барои дигарон расонам, ки гумроҳ нашаванд”.

Имом Содиқ ба ӯ фармуд: “Эй Абӯаммора! Инон фарзандони ман ҳастанд, бузургашон ин аст (ва ба сӯи шумо ишора карданд)- дар ӯ ҳукм, фаҳм ва саховат аст, ба он чӣ мардум ниёзманданд илму огаҳӣ дорад, ҳамчунин ба ҳамаи умури динию дунявӣ, ки мардум дар он ихтилоф кунанд, доност, ахлоқи некӯ дорад ва даре аз дарҳои Худо аст...”

Он гоҳ ба Имом Козим(а) арз кардам: “Падару модарам фидоятон шумо низ монанди падаратон маро огоҳ созед (имоми баъд аз худро муаррифӣ кунед)”.

Имом пас аз тавзеҳе дар бораи имомат, ки амрест илоҳӣ ва имом аз тарафи Худо ва Паёмбар(с) таъйин мешавад, фармуд:



***“Пас аз ман амри имомат ба писарам Алӣ мерасад, ки ҳамноми имоми аввал Алӣ ибни Абӯтолиб ва имоми чаҳорум Алӣ ибни Ҳусайн аст”.***

Дар он ҳангом вазъияти тоқатфарсо бар ҷомеаи исломӣ ҳукмфармо буд ва ба ҳамин ҷиҳат Имом Козим(а) дар поёни каломи худ ба Язид ибни Сулайт фармуд: “Эй Язид! Он чӣ гуфтам назди ту чун амонате маҳфуз бимонад ва ҷуз барои касоне, ки садоқаташонро шинохта бошӣ бозгӯ макун”.

Язид ибни Сулайт мегӯяд: пас аз шаҳодати Имом Мӯсо ибни Ҷаъфар хидмати Имом Ризо шарафёб шудам. Ҳазрат пеш аз он ки чизе бигӯям фармуд: “Эй Язид! Мехоҳӣ ба умра биравем?”

Арз кардам: “Падару модарам фидоятон, ихтиёр бо шумост, аммо ман харҷи сафар надорам”.

Фармуд: “Махориҷи сафаратро ман мепардозам”.

Бо он ҳазрат ба сӯи Макка раҳсипор шудем ва ба ҳамон ҷо, ки Имом Содиқ ва Имом Козим (а)-ро мулоқот карда будам, расидем... Достони мулоқот бо Имом Мӯсо ибни Ҷаъфар ва он чӣ шунида будам барои он ҳазрат шарҳ додам…[1]

[1] “Эъломулваро” саҳ, 305. “Кофӣ”, ҷ.1, саҳ.316.

## Ахлоқ ва рафтори Имом Ризо (а)

Имомони поки мо дар миёни мардум ва бо мардум мезистанд. Онон амалан ба мардум дарси зиндагию покӣ ва фазилат меомӯхтанд. Имомон намуна ва сармашқи дигарон буданд ва бо он ки мақоми баланди имомат ононро аз мардум мумтоз месохт ва баргузидаи Худою ҳуҷҷати ӯ бар замин буданд, дар айни ҳол дар ҷомеа ҳадду худуде намегирифтанд, худро аз мардум ҷудо намекарданд, ба равиши ҷабборон инҳисору ихтисосе барои худ қоил намешуданд, ҳаргиз мардумро ба бардагию пастӣ намекашонданд ва таҳқир намекарданд.

* **Иброҳим ибни Аббос мегӯяд**:

***"Ҳеҷ гоҳ надидам, ки Имом Ризо[а] дар сухан бар касе ҷафо варзад ва низ надидам, ки сухани касеро пеш аз тамом шудан қатъ кунад. Ӯ ҳаргиз ниёзмандеро, ки метавонист ниёзашро бароварда созад рад намекард, дар ҳузури дигарон пояшро дароз намекард ва ҳаргиз надидам ба касе аз хидматгорону ғуломонашон бадгӯӣ кунанд. Хандаи ӯ қаҳ-қаҳа набуд, балки табассум буд. Вақте суфраи таомро боз мекарданд, ҳамаи афроди хона ҳатто дарбон ва бузургонро низ бар суфраи хеш менишонд ва бо онон ҳамроҳ таом мехӯрд. Шабҳо кам мехобид ва***



***бештар бедор буд. Бисёре аз шабҳо то субҳ бедор мемонд ва ба ибодат мегузаронд, бисёр рӯза медошт ва бахусус рӯзаи се рӯз дар ҳар моҳро тарк намекард.[1] Кори хайру инфоқи пинҳон бисёр дошт ва бештар дар шабҳои торик махфиёна ба фақирон кӯмак мекард".[2]***

* **Муҳаммад ибни Абӯуббод мегӯяд**:

***"Фарши он ҳазрат дар тобистон ҳасир ва дар зимистон палос буд. Либоси ӯ (дар хона) дурушт ва хашан буд, аммо ҳангоме ки дар ҷамъомадҳои умумӣ ширкат мекард (либосҳои хубу мутаориф мепӯшид) ва худро меорост".[3]***

* Шабе Имом(а) меҳмон дошт. Дар миёни сӯҳбат чароғ нуқсе пайдо кард. Меҳмони имом даст пеш овард, то чароғро дуруст кунад, аммо Имом(а) ба ӯ иҷозат надод ва худ ин корро анҷом дод ва фармуд: "Мо гурӯҳе ҳастем, ки меҳмонони худро кор намефармоем".[4]

---

[1] Гӯё манзур рӯзаи панҷшанбеи аввали моҳ, чаҳоршанбеи байни моҳ ва панҷшанбеи охири моҳ аст. Ба гуфти пешвоёни маъсум касе, ки изофа бар рӯзаи моҳи мубораки рамазон дар ҳар моҳ ин се рӯзро рӯза гирад, монанди он аст, ки ҳамаи сол рӯза гирифта бошад.

[2] "Эъломулваро" саҳ, 314.

[3] "Эъломулваро" саҳ, 315.

[4] "Кофӣ", ҷ.6, саҳ.283.

* Боре шахсе, ки имомро намешинохт дар ҳаммом аз Имом(а) хост, то ӯро киса бикашад.[1] Имом(а) пазируфт ва машғул шуд. Дигарон имомро ба он шахс муаррифӣ карданд ва ӯ бо шармандагӣ ба узрхоҳӣ пардохт, вале Имом(а) ба узрхоҳии ӯ таваҷҷӯҳ накарда, ҳамчунон ӯро киса мекашид ва ӯро диддорӣ мекард, ки чизе нашудааст.[2]

* Шахсе ба Имом(а) арз кард: “Ба Худо савганд ҳеҷ кас дар рӯи замин аз ҷиҳати бартарӣ ва шарофати падарон ба шумо намерасад”.

Имом фармуд:

> ***“Тақво ба онон шарофат дод ва итоати Парвардигор ононро бузургвор сохт”.*[3]**

* Марде аз аҳолии Балх мегӯяд: дар сафари Хуросон бо Имом Ризо(а) ҳамроҳ будам. Рӯзе суфра густурда буданд ва имом ҳамаи хидматгузорону ғуломон, ҳатто сиёҳонро (сиёҳпӯстонро) бар он суфра даъват кард, то ҳамроҳи ӯ таом хӯранд.

Ман ба имом арз кардам: “Фидоятон шавам, беҳтар аст инон бар суфраи ҷудогона бинишинанд”.

[1] Молидан, масҳ кардан,(массаж).

[2] “Маноқиб”-и Ибни Шаҳрошӯб, ҷ.4, саҳ.363.

[3] “Уюну ахборир Ризо” ҷ.2, саҳ.174.



Имом фармуд:

> ***“Сокит бош, Парвардигори ҳама як аст, падару модари ҳама як аст ва подош ҳам ба аъмол аст”.*[1]**

* **Ёсир** – ходими Имом(а) мегӯяд:

> ***“Имом Ризо(а) ба мо фармуда буд, ки агар болои сари шумо истодам (ва шуморо барои коре талабидам) ва шумо машғул ба таомхӯрдан будед, аз ҷой барнахезед, то таоматонро ба итмом нарасонед”.***

Аз ҳамин ҷиҳат бисёр иттифоқ меафтод, ки Имом моро даъват мекард ва дар посухи ӯ мегуфтанд: “Ба таом хӯрдан машғуланд. Он гиромӣ мефармуд: “Бигзоред таомашон тамом шавад”.[2]

* **Боре** ғарибе хидмати Имом(а) расид ва салом карду гуфт: “Ман аз дӯстдорони шумо, падарон ва аҷдодатон ҳастам. Аз ҳаҷ баргаштаам ва харҷи роҳам тамом шудааст, агар моилед маблағе ба ман марҳамат кунед, то худро ба ватанам расонам. Иншоаллоҳ дар он ҷо аз ҷониби шумо ҳамон миқдор маблағро ба мустамандон садақа хоҳам дод, зеро ман дар шаҳри худ фақир нестам ва инак дар сафар ниёзманд шудаам”.

[1] “Кофӣ”, ҷ.8, саҳ.230.

[2] “Кофӣ”, ҷ.6, саҳ.298.

Имом аз ҷой бархоста ба утоқи дигаре рафт. Ӯ дусад динор овард ва аз болои дар дасти худро ба самти он мард дароз карда, ӯро фарёд карду гуфт: “Ин дусад динорро гирифта тӯшаи роҳ кун ва ба он табаррук ҷӯй. Лозим нест, ки ту аз ҷониби ман он миқдор пулро садақа диҳӣ”.

Он шахс динорҳоро гирифт ва роҳии сафар шуд. Имом аз он утоқ ба ҷои аввал бозгашт. Аз эшон пурсиданд: “Чаро чунин кардед, ки шуморо ҳангоми гирифтани динорҳо набинад?”

Фармуд:

***“То шармандагии ниёз ва суолро дар ӯ набинам...”.***[1]

Имомони маъсум ва гиромӣ дар тарбияти пайравон ва роҳнамоии эшон танҳо ба гуфтор қаноат намекарданд ва дар мавриди аъмоли онон таваҷҷӯҳу муроқибати хоссе мекарданд. Дар масири зиндагӣ иштибоҳоташонро гӯшзад мекарданд, то ҳам онон аз бероҳа ба роҳ оянд ва ҳам дигарон ба ояндагон биомӯзанду ибрат гиранд.

**Сулаймони Ҷаъфарӣ -** аз ёрони Имом Ризо(а) мегӯяд: барои бархе корҳо хидмати Имом(а) рафта будам. Вақте корам анҷом шуд ва рафтан мехостам, Имом фармуд: “Имшаб назди мо бимон”. Ҳамроҳи Имом(а) ба хонаи ӯ рафтам.

[1] “Маноқиб”-и Ибни Шаҳрошӯб, ҷ.4, саҳ.360.



Ҳангоми ғуруб буд ва ғуломони ҳазрат машғули корҳои сохтмонӣ буданд. Имом дар байни онҳо шахси ғариберо дид ва пурсид: “Ин кист?”

Арз карданд: “Ба мо ёрӣ мекунад ва ба ӯ чизе хоҳем дод”.

Фармуд: “Муздашро муайян кардаед?”

Гуфтанд: “Не! Ҳар чӣ барояш диҳем розӣ мешавад”.

Имом барошӯфт ва хашмгин шуд. Ман ба ҳазрат арз кардам: ”Фидоятон шавам худро нороҳат накунед”.

Фармуд: “Ман борҳо ба инҳо гуфтаам, ки ҳеҷ касро барои коре наоваред, магар он ки қаблан муздашро таъйин кунед ва қарордод бандед. Касе, ки беқарордод ва таъйини музд кор анҷом медиҳад, агар се баробар муздашро пардохт кунӣ, боз ҳам гумон мекунад муздашро кам додаӣ. Агар қарордод бандӣ ва ба миқдори муайяншуда маблағашро пардозӣ аз ту хушнуд хоҳад буд, ки мувофиқи қарор амал кардаӣ. Дар ин сурат агар беш аз миқдори таъйиншуда чизе ба ӯ бидиҳӣ, ҳар чанд каму ночиз бошад мефаҳмад, ки бештар пардохтаӣ ва сипосгузор хоҳад буд”.[1]

***Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Абӯнасри Базантӣ**, ки аз бузургони асҳоби Имом Ризо(а) ба

[1] “Кофӣ”, ҷ.5, саҳ.288.

ҳисоб меравад, нақл мекунад: ман бо се тани дигар аз ёрони Имом(а) хидматаш шарафёб шудем ва соате назди ҳазрат нишастем. Вақте хостем, баргардем имом ба ман фармуд: “Эй Аҳмад! Ту бинишин”. Ҳамроҳони ман рафтанд ва ман хидмати Имом(а) мондам. Суолоте доштам, ки ба арзашон расондам ва Имом(а) посух медоданд, то посе аз шаб гузашт. Хостам ба хона баргардам, ҳазрат фармуд: “Меравӣ ё назди мо мемонӣ?”

Гуфтам: “Ҳар чӣ шумо раво бинед, агар гӯед бимон мемонам ва агар гӯед бирав меравам”.

Фармуд: “Бимон, ин ҳам ҷои хоби ту”.

Он гоҳ Имом(а) бархост ва ба утоқи худ рафт. Ман аз шавқ ба саҷда афтодам ва гуфтам: “Сипос Худойро, ки ҳуҷҷати Худо ва вориси улуми паёмбарон дар миёни мо чанд нафар, ки хидматаш шарафёб шудем, то ин ҳад ба ман муҳаббат намуд”.

Ҳанӯз дар саҷда будам, ки мутаваҷҷеҳ шудам Имом(а) ба утоқи ман баргашта аст. Аз саҷда бархостам, ҳазрат дасти маро гирифт ва фишурду фармуд: “Эй Аҳмад! Амири Мӯъминон(а) ба аёдати Саъсаъа ибни Савҳон (аз ёрони хосси он ҳазрат буд) рафт ва чун хост бархезад фармуд: “Эй Саъсаъа! Аз ин ки ба дидорбинии ту омадаам ба бародарони худ ифтихор макун (аёдати ман боис нашавад, ки худро аз онон бартар донӣ). Аз Худо тарс ва



парҳезкор бош, барои Худо тавозӯъ ва фурӯтанӣ кун, Худо туро рифъат мебахшад”.[1]

Имом бо ин амал ба суханони хеш ҳушдор додааст, ки ҳеҷ омиле ҷои худсозӣ, тарбияти нафс ва амали солеҳро намегирад. Набояд ба ҳеҷ имтиёзе мағрур шуд, ҳатто наздикӣ ба Имом(а), иноят ва лутфи он бузургвор низ набояд василаи фахр, мубоҳот ва эҳсоси бартарӣ бар дигарон гардад.

## Мавзеъгирии Имом дар баробари дастгоҳи хилофат

Имом Ризо (а) дар тӯли муддати имомати худ бо хилофати Ҳорунаррашид ва ду фарзандаш Амин ва Маъмун ҳамзамон будааст. Ҳазрат даҳ сол бо солҳои охири ҳукуматдории Ҳорун, панҷ сол бо ҳукумати Амин ва панҷ сол бо ҳукумати Маъмун умри худро гузаронидааст.

## Имом дар замони Ҳорун

Имом Ризо (а) пас аз шаҳодати Имом Козим (а) имомат ва даъвати худро ошкор сохт ва бепарво ба раҳбарии уммат пардохт. Фазои сиёсии ҷомеа дар замони Ҳорун чунон тақатфарсо буд, ки ҳатто бархе аз самимитарин

[1] “Мӯъҷаму риҷол-ил ҳадис”, ҷ.2, саҳ.227. “Риҷол”-и Кашшӣ саҳ.588

ёрони Имом(а) аз ин шуҷоат ва бепарвоии ҳазрат бар ҷонаш бимнок буданд.

* **Сафвон ибни Яҳё** мегӯяд: Имом Ризо(а) пас аз реҳлати падараш суханоне фармуд, ки мо бар ҷонаш тарсидем ва ба ӯ арз кардем: “Матлаби бузургеро ошкор кардаӣ, мо бар ту аз ин тоғут (Ҳорун) бимнокем”.

Фармуд:

> ***“Ҳарчи мехоҳад, талош кунад, роҳе бар ман надорад”.***[1]

* **Муҳаммад ибни Санон** мегӯяд: дар рӯзгори Ҳорун ба Имом Ризо(а) арз кардам: “Шумо худро ба ин амр (имомат) машҳур сохтаед ва ҷои падар нишастаед, дар ҳоле ки аз шамшери Ҳорун хун мечакад!”.

Фармуд:

> ***“Он чӣ маро бар ин кор бепарво сохтааст, сухани паёмбар аст, ки фармуд: “Агар Абӯҷаҳл як мӯ аз сари ман кам кард, гувоҳ бошед, ки ман паёмбар нестам”. Ман низ мегӯям: “Агар Ҳорун як мӯ аз сари ман кам кард, гувоҳ бошед, ки ман имом нестам”.***[2]

Ҳамчунон шуд, ки имом мефармуд, зеро Ҳорун ҳаргиз фурсат наёфт, хатаре барои имом

[1] “Кофӣ”, ҷ.1, саҳ.487.

[2] “Кофӣ”, ҷ.8, саҳ.257.



эҷод кунад ва оқибат ба ҷиҳати ноороміҳое, ки дар шарқи Эрон рух дода буд, Ҳорун маҷбур шуд, ки бо ҳамроҳи сипоҳиёнаш ба Хуросон равад. Ӯ дар роҳ бемор шуд ва дар соли 193-и ҳиҷрии қамарӣ дар Тӯс маргаш фаро расид ва исломy муслимин аз вуҷуди палидаш эмин шуданд.

## Имом дар замони Амин

Пас аз Ҳорун барои хилофат байни Амин ва Маъмун ихтилофи сахт рӯй дод. Ҳорун Аминро барои хилофати баъд аз худ таъйин карда буд ва аз ӯ тааҳҳуд гирифта буд, ки пас аз вай Маъмун халифа шавад ва инчунин ҳукумати вилояти Хуросон дар замони хилофати Амин дар дасти Маъмун бошад. Амин бошад пас аз Ҳорун дар соли 194-и ҳиҷрии қамарӣ Маъмунро аз валиаҳдии худ озод кард ва фарзанди худ Мӯсоро номзади ин мақом кард.[1] Оқибат пас аз даргириҳои хунине, ки миёни Амин ва Маъмун рух дод, Амин дар соли 198-и ҳиҷрии қамарӣ кушта шуд ва бо ҳамин Маъмун ба хилофат расид.

Имом Ризо(а) дар тӯли ин муддат аз даргириҳои дарбори хилофат ва машғул будани

[1] “Таърихи Ибни Асир” ҷ.6, саҳ.267.

онҳо ба якдигар истифода кард ва бо осудагӣ ба иршод, таълим ва тарбияти пайравон пардохт.

### Имом дар замони Маъмун

Маъмун дар миёни хулафои Бани Аббос аз ҳама донотар ва маккортар буд. Ӯ дарс хонда буд ва аз фиқҳу улуми дигар огоҳӣ дошт, чунон ки бо бархе аз донишмандон ба баҳсу мунозира менишаст. Албатта огоҳии ӯ аз илмҳои рӯз низ василае буд барои пешбурди сиёсатҳои зиддиинсонии ӯ, вагарна ҳаргиз ба дин ва Ислом пойбанд набуд. Маъмун дар айёшӣ, фисқу фуҷур ва корҳоии манфури худ аз соири хулафо ҳеҷ фарқияте надошт, ниҳоят он ки аз дигар хулафо эҳтиёткоронатар рафтор мекард ва бо дурӯягӣ ва риё бештар авомфиребӣ мекард. Ӯ барои мустаҳкам намудани пояҳои ҳукумати худ, баъзан бо фақеҳон низ ҳамнишин мешуд ва аз масоилу мабоҳиси динӣ низ сухан мегуфт.

Ҳамнишинӣ, самимият ва ҳамдамии Маъмун бо қозӣ Яҳё ибни Аксам, ки марди разил ва касифу фосиқ буд, беҳтарин гувоҳ ба бединӣ, фисқ ва разилати Маъмун аст. Яҳё ибни Аксам марде буд, ки ба анҷом додани қабеҳтарин корҳо дар ҷомеа шӯҳрат дошт, ки қалам аз шарҳи разолатҳои ӯ шарм медорад. Маъмун чунин касеро чунон ҳамдами худ сохта буд, ки “рафиқи масҷид, гармоба ва гулистон”-и якдигар ба ҳисоб мерафтанд. Аз ҳама таассуфовараш он аст, ки



Маъмун ӯро ба мақоми “Қозиюлқуззот”-и уммати исломӣ мансуб намуд ва дар корҳои мамлакат низ бо ӯ маслиҳат ва машварат мекард!![1]

Дар замони Маъмун илму дониш ба зоҳир ривоҷ меёфт. Донишмандон ба маркази хилофат даъват мешуданд ва ташвиқҳое, ки Маъмун барои донишмандону донишпажӯҳон фароҳам меовард, заминаи ҷазби аҳли дониш ба сӯи ӯ гардид. Маҷлисҳои дарс, баҳс ва мунозира тартиб меёфт ва баҳсу гуфтугӯи илмӣ бозори пурравнақ дошт.

Илова бар ин Маъмун мекӯшид бо бархе корҳо шиаён ва тарафдорони имомро низ ба худ алоқаманд созад, масалан, аз шоистатар будани Амири мӯъминон Алӣ(а) сухан мегуфт, дашному лаън ба Муовияро расмӣ кард, Фадакро, ки аз Фотимаи Заҳро (а) ғасб шуда буд ба алавиён баргардонд ва бо алавиён дар зоҳир меҳрубонӣ ва алоқа нишон медод.[2]

Усулан Маъмун бо таваҷҷӯҳ ба рафтори Ҳорун, ҷиноятҳои ӯ ва асари он дар рӯҳияи мардум мехост заминаҳои инқилобу шӯришро аз байн барад ва онҳоро розӣ нигаҳ дорад, то тавонад дар

---

[1] Ба таърихҳое, ки хилофати Маъмун ва шарҳи зиндагии Яҳё ибни Аксамро навиштаанд, муроҷиат шавад, аз ҷумла: “Муруҷуззаҳаб”-и Масъудӣ ва “Таърихи ибни Халкон”.

[2] “Ал-имомур-Ризо”-и Муҳаммад Ҷаводи Фазлулло, саҳ.91.

маркаби хилофат савор бошад. Аз ин рӯ бояд гуфт: вазъи замон талаб мекард, ки ӯ ба ҷуброни камбудиҳо ва норозигиҳо бипардозад ва вонамуд кунад, ки дар талоши ислоҳи корҳо аст ва аз хулафои дигар фарқият дорад...

## Вилоятаҳдии Имом Ризо (а)

Маъмун пас аз он ки бародараш Аминро нобуд кард ва бар маснади ҳукумат такя зад, дар шароити ҳассосе қарор гирифт. Зеро мавқеияти ӯ хусусан дар Бағдод, ки маркази ҳукумати Аббосӣ буд ва дар миёни тарафдорони Аббосиён, ки хостори Амин буданд ва ҳукумати Маъмунро дар Марв бо хостаҳои худ мутобиқ намедиданд, сахт мутазалзил буд. Аз сӯи дигар шӯриши алавиён таҳдиди ҷиддӣ барои ҳукумати Маъмун ҳисоб мешуд. Дар соли 199-и ҳиҷрии қамарӣ Муҳаммад ибни Иброҳими Таботабо аз алавиёни маҳбубу бузургвор ба кӯмаки Абулсароё қиём кард. Гурӯҳи дигаре аз алавиён низ дар Ироқ ва Ҳиҷоз шӯришҳое доштанд ва аз заъфи Бани Аббос, ки дар даргирии Маъмун ва Амин низоми умурашон аз ҳам пошида буд, истифода карданд. Онон бар баъзе аз шаҳрҳо мусаллат шуданд ва тақрибан аз Кӯфа то Яман дар ошӯбу ноороми буд. Маъмун бо кӯшиши бисёр тавонист, ки ин



ошӯбҳоро фурӯ нишонад,[1] вале эрониён низ эҳтимол дошт ба ёрии алавиён бархезанд, чунки онон ба ҳаққи шаръии хонадони Амири мӯъминон Алӣ(а) мӯътақид буданд. Дар ибтидои кор Бани Аббос ва ҳам доиёни аббосӣ барои сарнагунии Бани Умайя аз ҳамин алоқаи эрониён ба хонадони Паёмбар ва дудмони Амири Мӯъминон истифода карда буданд.

Маъмун, ки марди зирак ва маккор буд, ба фикри он афтод, ки бо тарҳи вогузории хилофат ё валиаҳдӣ ба шахсияте монанди Имом Ризо(а) пояҳои ларзони ҳукумати худро мустаҳкам кунад. Маъмун умедвор буд, ки бо анҷом додани ин кор метавонад пеши роҳи шӯриши алавиёнро бигирад ва ризояти хотириононро фароҳам созад ва эрониёнро низ омодаи пазириши хилофати худ намояд.

Маълум аст, ки вогузории хилофат ё вилоятаҳдӣ ба Имом(а) фақат як тактикаи ҳисобшудаи сиёсӣ буд, вагарна касе, ки барои ҳукумат бародари худро ба қатл расонда буд ва дар зиндагии хусусии худ низ аз ҳеҷ фисқу фуҷуре парҳез надошт, ногаҳон чунон диёнатпаноҳ намешавад, ки аз хилофату салтанат бигзарад. Беҳтарин шоҳид бар макру ҳилаи Маъмун, напазируфтани Имом(а) пешниҳоди

[1] "Мақотилуттолибийин"-и Абулфараҷи Исфаҳонӣ.

ӯро мебошад, зеро ки агар Маъмун дар гуфтору кирдори худ содиқ мебуд, ҳаргиз имом аз ба даст гирифтани зимоми хилофат, ки ҷуз Имом(а) ҳеҷ кас салоҳияти онро надорад, даст намекашид.

Шоҳиди дигаре низ дар таърих мавҷуд аст, ки ба таври равшану возеҳ аз нияти бади Маъмун парда бармедорад ва мо ба унвони намуна ба чанд маврид ишора мекунем:

* Маъмун ҷосусоне барои Имом(а) гузошта буд, то ҳамаи корҳои ӯро зери назар гиранд ва ба ӯ гузориш диҳанд, ки ин худ далели душмании Маъмун бо Имом(а) ва набудани имону ҳусни нияти ӯ нисбат ба он бузургвор аст. Дар ривоятҳои исломӣ мехонем: "Ҳишом ибни Иброҳими Рошидӣ аз наздиктарин афрод, назди Имом Ризо(а) буд ва умури имом ба дасти у ҷараён дошт. Ҳангоме ки имомро ба Марв оварданд, Ҳишом бо Фазл ибни Сахли Зуриёсатайн (вазири Маъмун) ва бо Маъмун иртибот пайдо кард. Ин робита чунон буд, ки ҳеҷ чизро аз онон пинҳон намедошт ва Маъмун ӯро ҳоҷиби (масъули робитаҳои умумӣ) имом қарор дод.

Ҳишом фақат афродеро, ки худ моил буд назди имом роҳ медод. Ӯ бар Имом(а) сахт мегирфт ва ӯро дар душворӣ ва вазъияти ногувор қарор медод. Дӯстон ва пайравони Имом(а) наметавонистанд он гиромиро мулоқот кунанд ва



ҳар чӣ имом дар манзилаш мегуфт, Ҳишом ба Маъмун ва Фазл ибни Саҳл гузориш медод".[1]

* Абӯсалт дар бораи душмании Маъмун бо имом мегӯяд: "Имом(а) бо донишмандон мунозира ва бар онон ғалаба мекард. Мардум мегуфтанд: "Ба Худо қасам ӯ аз Маъмун бар хилофат сазовортар аст" ва ҷосусон ин матлабро ба Маъмун гузориш медоданд".[2]

* Ҷаъфар ибни Муҳаммад ибни Ашъас дар айёме, ки Имом(а) дар Хуросон ва назди Маъмун будааст, ба имом хабар медиҳад, ки номаҳои ӯро пас аз хондан бисӯзонад, то мабодо ба дасти дигаре наафтад. Имом барои итминони хотири ӯ мефармояд: "Номаҳояшро пас аз хондан месӯзонам".[3]

* Имом (а) дар ҳамон рӯзҳое, ки назди Маъмун ва зоҳиран валиаҳд аст, дар посухи Аҳмад ибни Муҳаммади Базантӣ менависад: "... Ва аммо ин, ки иҷозати мулоқот хостаӣ, омадан назди ман душвор аст. Инҳо акнун бар ман сахт гирифтаанд. Феълан бароят мумкин нест, иншоаллоҳ ба зудӣ мулоқот муяссар хоҳад шуд".[4]

---

[1] "Ҳаётул имом ар-Ризо"-и Ҷаъфар Муртазои Ҳусайнӣ, саҳ.213-214. "Уюну ахборир Ризо" ҷ.2, саҳ.153.

[2] "Ҳаётул имом ар-Ризо"-и Ҷаъфар Муртазои Ҳусайнӣ, саҳ.214. "Уюну ахборир Ризо" ҷ.2, саҳ.239.

[3] "Ҳаётул имом ар-Ризо"-и Ҷаъфар Муртазои Ҳусайнӣ, саҳ.214. "Кашфулғумма", ҷ.3, саҳ.92.

[4] "Ҳаётул имом ар-Ризо"-и Ҷаъфар Муртазои Ҳусайнӣ, саҳ.215. "Уюну ахборир Ризо" ҷ.2, саҳ.212.

* Ошкортар аз ҳама он ки Маъмун худаш гоҳе назди бархе аз наздикону вобастагонаш ба ҳадафҳои воқеии худ дар мавриди Имом(а) эътироф ва ба таври равшан аз ниятҳои нопоки худ парда бардошта аст.

Маъмун дар посухи Ҳамид ибни Меҳрон (яке аз дарбориёнаш) ва гурӯҳе аз Аббосиён, ки ӯро ба ҷиҳати супоридани вилоятаҳдӣ ба Имом Ризо сарзаниш мекарданд, мегӯяд: ин мард аз мо пинҳон ва дур буд ва барои худ даъват мекард. Мо хостем ӯро валиаҳди худ қарор диҳем, то даъваташ барои мо бошад ва ба салтанату хилофати мо эътироф намояд. Шефтагони ӯ дарёбанд, ки он чӣ ӯ даъво мекард дар ӯ нест ва ин амр (хилофат) махсуси мост на марбут ба ӯ. Мо бимнок будем, ки агар ӯро ба ҳоли худ боқӣ гузорем, ошӯбе барои мо барпо созад, ки натавонем пеши роҳи онро бигирем ва вазъе пеш оварад, ки тоқати муқобилаи онро надошта бошем”.[1]

Аз ин ҷо маълум мешавад, ки Маъмун дар вогузории хилофат ё вилоятаҳдӣ ба Имом(а) ҳусни ният надошт ва дар ин бозии сиёсӣ аз паси ҳадафҳои дигаре буд. Ӯ мехост аз як тараф имомро ба ранги худ дароварад ва қудсу тақвои

[1] “Ҳаётул Имом ар-Ризо”-и Ҷаъфар Муртазои“ Ҳусайнӣ, саҳ.364. “Уюну ахборир Ризо” ҷ.2, саҳ.212. “Биҳоруланвор” ҷ.49, саҳ.183.



ҳазратро ночиз ва олуда созад. Аз сӯи дигар Имом(а) ҳар як аз ду пешниҳоди хилофат ва вилоятаҳдиро ба сурате, ки Маъмун хоста буд, мепазируфт ва ба фоидаи Маъмун тамом мешуд. Агар Имом(а) хилофатро мепазируфт Маъмун шарт мегузошт, ки худаш валиаҳд бошад ва ба ин восита қонунӣ будани ҳукумати худро таъмин ва сипас пинҳонӣ ва бо дасиса имомро аз миён мебардошт ва агар Имом(а) вилоятаҳдиро мепазируфт боз ҳам ҳукумати Маъмун побарҷо ва имзошуда буд.

Имом дар ҳақиқат роҳи сеюме интихоб кард ва бо он ки иҷборан вилоятаҳдиро пазируфт, бо равиши хосси худ ба гунае амал намуд, ки Маъмун ба ҳадафҳои хеш аз наздик шудан ба имом ва касби қонунӣ будан нарасад ва тоғутӣ будани ҳукуматаш бар ҷомеа равшан бошад.

## Аз Мадина то Марв

Ҳамчунон ки гуфтем, Маъмун барои баҳрабардориҳои сиёсӣ ва розӣ сохтани алавиён, ки ҳамвора дар миёнашон мардони далер, донишманд ва порсо бисёр буд ва ҷомеа, хусусан эрониён, ки дил ба сӯи онон доштанд, тасмим гирифт Имом Ризо(а)-ро ба Марв оварад ва чунон вонамуд кунад, ки дӯстдори алавиён ва Имом(а) аст. Маъмун дар зоҳир чунон моҳирона амал мекард, ки гоҳе бархе аз шиаёни покниҳод низ фиреб мехӯрданд. Ба ҳамин ҷиҳат Имом

Ризо(а) ба бархе аз ёрони худ, ки мумкин буд таҳти таъсири амалҳои зоҳиронаю риёкории Маъмун воқеъ шаванд, фармуд:

***“Ба гуфтори ӯ дода нашавед ва фиреб нахӯред. Савганд ба Худо касе ҷуз Маъмун қотили ман нахоҳад буд, аммо ман ногузирам шикебоӣ варзам, то вақти он бирасад”.[1]***

Маъмун дар робита бо валиаҳд сохтани имом дар соли 200-и ҳиҷрӣ дастур дод Имом Ризо(а) ро аз Мадина ба Марв биоваранд.[2]

* Раҷо ибни Абӯзаҳҳок,- фиристодаи махсуси Маъмун мегӯяд: “Маъмун маро маъмур кард ба Мадина равам ва Алӣ ибни Мӯсо - Ризо(а)-ро ба сӯи Марв ҳаракат диҳам. Ӯ дастур дод, ки рӯзу шаб муроқиби ӯ бошам ва муҳофизати ӯро ба дигаре вогузор накунам. Ман мувофиқи фармони Маъмун аз Мадина то Марв яксара ҳамроҳи он ҳазрат будам. Савганд ба Худо ҳеҷ касро аз он ҳазрат дар пешгоҳи Худо парҳезкортар, бимноктар ва беш аз ӯ дар ёди Худо надидаам.[3] Аз Мадина то Марв ба ҳеҷ шаҳре надаромадем, ҷуз он ки мардуми он шаҳр ба хидматаш шитофтанд ва аз масоили динӣ фатво ва пурсиш

[1] “Биҳоруланвор” ҷ.49, саҳ.189.

[2] “Кофӣ”, ҷ.1, саҳ.498.

[3] “Биҳоруланвор” ҷ.49, саҳ.91. “Уюну ахборир Ризо” ҷ.2, саҳ.178.



мекарданд. Он ҳазрат ба онон ҷавобҳои кофию қонеъкунанда медод ва барояшон ба санад аз падарони гиромиаш то Паёмбар бисёр ҳадис мегуфт”.[1]

* Абӯҳошими Ҷаъфарӣ мегӯяд: Раҷо ибни Абӯзаҳҳок Имом Ризо(а)-ро аз тариқи Аҳвоз мебурд. Вақте хабари омадани Имом(а) ба ман расид, ба Аҳвоз омада хидмати имом шарафёб шудам. Ман худамро ба Имом муаррифӣ кардам ва ин аввалин бор буд, ки он гиромиро медидам. Ин замон авҷи гармои тобистон буд ва Имом(а) низ бемор буданд. Ҳазрат ба ман фармуданд:

***“Табибе барои мо биёвар”.***

Табибе хидматашон овардам ва Имом(а) гиёҳеро барои табиб тавсиф карданд, табиб арз кард: “Ҳеҷ касро ҷуз шумо суроғ надорам, ки ин гиёҳро шиносад, чӣ гуна бар ин гиёҳ иттилоъ пайдо кардаед? Ин гиёҳ дар ин замон ва дар ин сарзамин мавҷуд нест”.

Имом фармуд:

- Пас найшакар омода кун.

Арз кард:

- Ёфтани найшакар аз он чӣ нахуст гуфтед душвортар аст, зеро ин вақти сол вақти найшакар нест ва ёфт намешавад.

Фармуд:

[1] “Уюну ахборир Ризо” ҷ.2, саҳ.181-182.

- Ин ҳарду дар сарзамини шумо ва дар ҳамин замон мавҷуд аст, бо ин ҳамроҳ шав (ишора ба Абӯҳишом) ба сӯи садди об равед ва аз он гузаред, хирмане анбошта меёбед, ба сӯи он равед, марде сиёҳро хоҳед дид... ва аз ӯ маҳалли рӯидани найшакар ва он гиёҳро бипурсед.

Абӯҳишом мегӯяд: ба ҳамон нишонае, ки имом фармуда буд, рафтем ва найшакар таҳия карда ба хидмати имом овардем ва он ҳазрат Худоро сипос гуфт.

Табиб аз ман пурсид:

- Ин мард кист?

Гуфтам:

- Фарзанди сарвари паёмбарон (ҳазрати Муҳаммад(с)) аст.

Гуфт:

- Аз улум ва асрори паёмбарон чизе пеши ӯ ҳаст.

Гуфтам:

- Оре, аз ин гуна умур аз ӯ дидаам, аммо паёмбар нест.

Гуфт:

- Васии Паёмбар аст?

Гуфтам:

- Оре, аз авсиёи паёмбарон аст.

Хабари ин воқеа ба Раҷо ибни Абӯзаҳҳок расид. Ӯ ба ёрони худ гуфт, ки агар Имом Ризо дар ин ҷо монад, мардум ба ӯ рӯй меоваранд. Ба



ҳамин ҷиҳат он ҳазратро аз Аҳвоз ҳаракат дод ва кӯч кард.[1]

## Имом дар Нишопур

Бонуе, ки Имом Ризо(а) дар Нишопур ба хонаи бобояш ворид шуда буд, мегӯяд: "Имом Ризо(а) ба Нишопур омад ва дар маҳаллаи ғарбӣ дар ноҳияе, ки ба номи Лошобод маъруф аст дар манзили бобоям Писанда ворид шуд. Бобоям аз он ҷиҳат "Писанда" номида шуд, ки Имом (а) ӯро писандид ва ба хонаи ӯ омад. Имом дар гӯшае аз хонаи мо ба дасти муборакӣ худ бодоме шинонд, аз баракати имом дар зарфи як сол дарахте шуд ва бор овард. Мардум ба бодоми ин дарахт шифо меҷустанд ва ҳар беморе аз бодоми ин дарахт ба нияти шифо мехӯрд, беҳбуд меёфт".[2]

* Абӯсалти Ҳиравӣ – аз ёрони наздики имом мегӯяд: ман ҳамроҳи Имом Ризо (а) будам, ҳангоме ки мехост аз Нишопур равад бар астари (хачир) хокистариранг савор буд ва Муҳаммад ибни Рофеъ, Аҳмад ибни Ҳарас, Яҳё ибни Яҳё, Исҳоқ ибни Роҳавия ва гурӯҳе аз уламо гирди Имом ҷамъ омада буданд. Онон лиҷоми нахчири ҳазратро гирифтанд ва гуфтанд: "Туро ба ҳурмати падарони покат савганд медиҳем, ки

[1] "Биҳоруланвор" ҷ.49, саҳ.118.
[2] "Уюну ахборир Ризо" ҷ.2, саҳ.131.

барои мо ҳадисе, ки худ аз падарат шунида бошӣ бигӯ”.

Имом сар аз маҳмил берун овард ва фармуд:

**«Ҳаддасно абӣ, ал-абдус солиҳу Мӯсабну Ҷаъфарин қола ҳаддасанӣ абӣ Ас-содиқу Ҷаъфарубну Муҳаммадин, қола ҳаддасанӣ абӣ Абуҷаъфарин Алийин Боқиру улумил анбиёи, қола ҳаддасанӣ абӣ Алийюбнул Ҳусайни сайидул обидина, кола ҳаддасанӣ абӣ сайиду шабоби аҳлил ҷаннати Ал-Ҳусайну, қола ҳаддасанӣ абӣ Алиюбну Абитолибин (а), қола самиътун-набийя саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи яқулу самиъту Ҷабраила яқулу қолаллоҳу ҷалла ҷалолуҳу: Иннӣ аналлоҳу ло илоҳа илло ана, фаъбудунӣ, ман ҷоа минкум бишаҳодати ан ло илоҳа иллаллоҳу бил ихлоси дахала фӣ ҳиснӣ ва ман дахала фӣ ҳиснӣ амина мин азобӣ».**

> ***Падарам, бандаи шоистаи Худо Мӯсо ибни Ҷаъфар бароям гуфт, ки падараш Ҷаъфар ибни Муҳаммади Содиқ аз падараш Муҳаммад ибни Алии Боқир аз падараш Алӣ ибни Ҳусайн Сайидулобидин аз падараш сарвари ҷавонони биҳишт Ҳусайн аз падараш Алӣ ибни Абӯтолиб(а) нақл кард, ки фармуд: аз Паёмбар(с) шунидам, ки фармуд: фариштаи Худо Ҷабраил гуфт, ки Худои мутаол фармудааст: Манам Худои якто, ки Худое ҷуз ман нест, маро ибодат кунед, касе, ки бо ихлос гувоҳӣ диҳад, ки Худое ҷуз “Аллоҳ” нест дар қалъаи ман даромадааст ва касе, ки ба қалъаи ман дарояд, аз азоби ман эмин хоҳад буд”.***[1]



Дар ривояти дигаре Исҳоқ ибни Роҳавия, ки худ дар ин ҷамъ будааст, мегӯяд:

Имом пас аз он, ки гуфт, Худо фармудааст: **“Ло илоҳа иллаллоҳу ҳиснӣ фаман дахала ҳиснӣ амина мин азобӣ”**андаке бар маркаби худ роҳ паймуд ва он гоҳ ба мо фармуд: **“Бишурутиҳо ва ано мин шурутиҳо”**[2], **- *Яъне имон ба ягонагии Худо, ки сабаби эминӣ аз азоби илоҳӣ мешавад, шароите дорад ва пазириши вилояти имомати имомони маъсум (а) аз ҷумлаи шароити он аст”***.

Дар таъриххои дигар нақл шудааст, ки вақте имом ин ҳадисро мефармуд, мардумони Нишопур (дар он ҳангом аз шаҳрҳои бузурги Хуросон ва пурҷамъияту обод буд ва баъдҳо дар ҳамлаи муғул вайрон шуд) чунон анбӯҳ шуда буданд, ки муддати тулонӣ аз садои фарёд ва гиряи мардум аз шавқи дидори Имом(а), гуфтани ҳадис мумкин намешуд, то рӯз ба нима расид. Пешвоён ва қозиён фарёд мезаданд: эй

[1] “Уюну ахборир Ризо” ҷ.2, саҳ.132-133.

[2] “Уюну ахборир Ризо” ҷ.2, саҳ.134.

мардум! Гӯш кунед ва Паёмбарро дар мавриди итраташ озор надиҳед, хомӯш бошед...

Саранҷом Имом Ризо дар миёни шӯру шавқи мардум ҳадисеро фармуд ва бисту чор ҳазор қаламдон омодаи навиштани калимаҳои Имом(а) шуд.[1]

* Ҳиравӣ мегӯяд: Имом аз Нишопур берун омад ва дар Деҳсурх[2] ба он гиромӣ арз карданд: “Зуҳр шудааст, оё намоз намехонед?”

Имом пиёда шуд ва об хост. Мо об надоштем. Имом ба дасти муборaки худ хокро кофт ва чашмае ҷорӣ шуд, чунон ки он ҳазрат ва ҳамаи ҳамроҳон таҳорат карданд. Асари ин об то кунун боқӣ аст.[3]

Вақте ба Санобод расид ба кӯҳе, ки аз санги он зарфҳо месохтанд, такя кард ва фармуд: “Худовандо, мардумро аз ин кӯҳ судманд гардон ва он чӣ дар зарфҳое, ки аз ин кӯҳ метарошанд қарор гирад, баракат деҳ”. Он гоҳ ҳазрат фармон дод, дегҳое барои ӯ аз санги он кӯҳ омода кунанд ва фармуд: “Таоми ӯро ҷуз дар ин дегҳо

[1] “Биҳоруланвор” ҷ.49, саҳ.127.

[2] Деҳсурх дар нимфарсахии Шарифобод ва шашфарсахии Машҳади муқаддас воқеъ шудааст. “Мунтахабуттаворих”, саҳ.544.

[3] “Биҳоруланвор” ҷ.49, саҳ.125. “Уюну ахборир Ризо” ҷ.2, саҳ.135.



напазанд, он гиромӣ дар хӯрдани таом бетакаллуф ва камхӯрок буд “.[1]

Имом дар Тӯс ба хонаи Ҳамид ибни Қаҳтабаи Тоӣ ворид шуд. Ӯ ба оромгоҳе, ки Ҳоруннаррашид дар он мадфун буд[2] ворид шуд ва дар як сӯи қабри Ҳорун бо даст хате кашид ва фармуд:

**«Ҳозиҳи турбатӣ, ва фиҳо удфану ва саяҷъалуллоҳу ҳозал макона мухталафа шиъатӣ ва аҳли маҳаббатӣ…».**[3]

> ***Ин хоки ман аст ва дар он мадфун хоҳам шуд ва ба зудӣ Худои мутаол ин маконро зиёратгоҳ, маҳалли рафту омади шиаён ва дӯстдоронам қарор хоҳад дод...”.***

Саранҷом Имом Ризо(а) ба шаҳри Марв расид. Маъмун ӯро дар хонаи махсус ва ҷудо аз дигарон ҷой дод ва эҳтироми зиёд кард.[4]

[1] Зарфҳое, ки аз санги ин кӯҳ метарошанд ҳоло ҳам бисёр мавриди таваҷҷӯҳ аст. Аз ҳамин санг навъҳои васоили дигар низ сохта мешавад ва аз колоҳо ва савғотиҳои маъруфи шаҳристони Машҳад аст. Тамоми аҳолии Машҳад аз достони дуои ҳазрат дар мавриди ин кӯҳ ва баракати он огоҳӣ доранд.

[2] Ҳамин маконе, ки ҳамакнун марқади мутаҳҳари имом Ризо(а) аст

[3] “Биҳоруланвор” ҷ.49, саҳ.125. “Уюну ахборир Ризо” ҷ.2, саҳ.135-136.

[4] “Иршод”-и Муфид саҳ.290.

## Пешниҳоди Маъмун

Пас аз воруди Имом(а) ба Марв Маъмун паём фиристод, ки мехоҳам аз хилофат канорагирӣ кунам ва ин корро ба шумо вогузор кунам, назари шумо чист?

Имом напазируфт. Маъмун бори дигар пайғом дод, ки чун пешниҳоди аввали маро напазируфтед, ночор бояд вилоятаҳдии маро бипазиред. Имом аз пазируфтани ин пешниҳод сахт худдорӣ кард. Маъмун имомро назди худ талабид ва бо ӯ дар хилват сӯҳбат кард, ки Фазл ибни Саҳли Зуриёсатайн низ дар он маҷлис буд. Маъмун гуфт: “Назари ман ин аст, ки хилофат ва умури мусулмононро ба шумо вогузор намоям”. Имом қабул накард, Маъмун пешниҳоди вилоятаҳдиро такрор кард ва ҳазрат аз пазириши он низ худдорӣ кард.

Маъмун гуфт: Умар ибни Хаттоб барои хилофати баъд аз худ шӯрое бо узвияти шаш нафар таъйин кард ва яке аз онон бобои шумо Алӣ ибни Абӯтолиб буд. Умар дастур дод, ҳар як аз онон, ки мухолифат кунад, гарданашро бизананд. Инак, чорае ҷуз қабули он чӣ ирода кардаам надорӣ, чун ман роҳу чораи дигаре намеёбам”.

Маъмун бо баёни ин матлаб имомро ба таври равшану возеҳ таҳдид ба марг кард. Имом ночор



зери фишор ва иҷбор валиаҳдиро пазируфт ва фармуд:

> ***“Вилоятаҳдиро мепазирам ба шарти он ки омир (амркунанда), ноҳӣ (наҳйкунанда), муфтӣ ва қозӣ набошам ва касеро барканор ва таъйин накунам ва чизеро табдилу тағир надиҳам”.***

Маъмун ҳамаи ин шароитро пазируфт.[1]

Ба ин тартиб Маъмун вилоятаҳдии худро бар Имом(а) бор кард, то бо ин ҳилаю найранг ҳам имомро зери назар дошта бошад, ки натавонад мардумро ба сӯи хеш даъват кунад, ҳам алавиёну шиаёнро ором созад ва пояҳои ҳукумати худро мустаҳкам намояд.

## Барои чӣ Имом вилоятаҳдиро пазируфт?

1. **Райён ибни Салт** мегӯяд: “Хидмати Имом Ризо(а) рафтам ва арз кардам, ки эй фарзанди Паёмбар(с), бархе мегӯянд шумо қабули валиаҳдии Маъмунро намудаед, бо инки нисбат ба дунё изҳори зӯҳду берағбатӣ мефармоед!”

Фармуд:

> ***”Худо гувоҳ аст, ки ин кор мавриди писанди ман набуд, аммо миёни пазириши валиаҳдӣ ва куштошудан***

[1] “Иршод”-и Муфид саҳ.290.

***қарор гирифтам ва ночор пазируфтам... Оё намедонед, ки Юсуф Паёмбари Худо буд ва чун зарурат пайдо кард, ки хазинадори Азизи Миср шавад, пазируфт. Инак, зарурат иқтизо кард, ки ман мақоми валиаҳдиро бо фишору иҷбор бипазирам. Изофа бар ин ман дохили ин кор нашудам, магар монанди касе, ки аз он хориҷ аст (бо шароите, ки қарордодам монанди он аст, ки мудохала накарда бошам) ба Худои Мутаол шикоят мекунам ва аз ӯ ёрӣ меҷӯям”.*** [1]

2. **Муҳаммад ибни Арафа** мегӯяд, ки ба Имом Ризо(а) арз кардам: “Эй фарзанди Паёмбари Худо! Чаро валиаҳдиро пазируфтӣ?”

Фармуд:

***“Ба ҳамон далел, ки бобоям Алӣ (а)-ро водор карданд дар он шӯро ширкат кунад”.*** [2]

3. **Ёсири ходим** мегӯяд: пас аз он ки Имом валиаҳдиро қабул карда буд ӯро дидам, ки дастҳояшро ба сӯи осмон боло карда мегуфт:

***“Худоё ту медонӣ, ки ман ночор ва зери фишор пазируфтам, пас маро***

[1] “Ъилал-уш-шароеъ”, саҳ.227-228, “Уюну ахборир Ризо” ҷ.2, саҳ.138.

[2] “Уюну ахборир Ризо” ҷ.2, саҳ.141.



***муохаза (ҷазо) макун, ҳамчунон, ки банда ва паёмбарат Юсуфро муохаза накардӣ, ҳангоме ки вилояти Мисрро пазируфт”.*** [1]

4. **Имом Ризо**(а) ба яке аз ёрони хосси худ, ки аз вилоятаҳдии ҳазрат хушҳол буд, фармуд:

***“Хушҳол набош ин кор ба анҷом нахоҳад расид ва ба ин ҳол нахоҳад монд”.*** [2]

## Мавзеъгирии манфии Имом (а)

Имом ба зоҳир ва дар гуфтор вилоятаҳдиро пазируфт, вале амалан онро напазируфта буд. Зеро ҳазрат шарт гузошт, ки ҳеҷ масъулияте надошта бошад ва дар корҳо мудохила накунад. Маъмун шартҳоро қабул карда буд, вале гоҳе мекӯшид бархе корҳоро бар имом вогузор намояд ва ҳазратро олати иҷрои мақсадҳои худ қарор диҳад. Имом бошад сахт муқовимат мекард ва ҳаргиз бо ӯ ҳамкорӣ намекард.

**Муаммар ибни Халлод** мегӯяд: Имом Ризо(а) бароям нақл карданд, ки Маъмун ба ман гуфт: “Бархе аз афроди мавриди эътимоди худатро муаррифӣ кун, то ҳукумати шаҳрҳое, ки бар ман шӯридаанд, ба онон вогузор кунам”.

Ба ӯ гуфтам: “Агар ба шароите, ки пазируфтӣ вафо кунӣ ман ҳам ба аҳдам вафо хоҳам кард, ман

[1] “Амолӣ”-и Садуқ, саҳ.72.

[2] “Иршод”-и Муфид саҳ.292.

дар ин кор ба ин шарт розӣ шудам, ки амру наҳй, барканоркунию таъйин накунам ва мушовир ҳам набошам, то пеш аз ту даргузарам. Савганд ба Худо хилофат чизе аст, ки ба он фикр намекардам. Вақте дар Мадина будам бар маркабам савор мешудам ва рафтуомад мекардам, аҳли шаҳр ва дигарон ҳоҷатҳои худро ба ман арза медоштанд ва ман ҳам онҳоро бароварда месохтам. Онон ва ман ҳамчун амакҳо будем (мисли хешу табор бо ҳам унс ва самимият доштем) номаҳоям дар шаҳрҳо мавриди қабулу эҳтиром буд. Ту неъмате бештар аз он чӣ Худованд ба ман ато кардааст, барои ман наафзудаӣ ва ҳар неъмате ҳам бихоҳӣ биафзоӣ, боз аз Худост, ки ба ман ато мешавад”.

Маъмун гуфт: “Ман ба аҳдам вафо дорам”.[1]

### Ҷашни вилоятаҳдӣ

Пас аз он ки Имом Ризо(а) мақоми вилоятаҳдиро ба он шакле, ки зикр шуд пазируфт, Маъмун барои эълом ба мардум, баҳрабардориҳои сиёсӣ ва зоҳиран ба ин ки бисёр хушнуду хушҳол аст, ҷашне барпо кард. Рӯзи панҷшанбе барои дарбориёнаш нишасте тартиб дод ва Фазл ибни Саҳл берун рафт ва мардумро аз назари Маъмун дар бораи Имом

[1] “Уюну ахборир Ризо” ҷ.2, саҳ.164.



Ризо(а) ва валиаҳдии ӯ огоҳ сохт. Ӯ инчунин фармони Маъмунро ба онон расонд, ки бояд либоси сабз, ки либоси расмии алавиён буд бар тан пӯшанд ва панҷшанбеи дигар барои байъат кардан бо Имом(а) ҳозир шаванд.

Дар рӯзи таъйиншуда ҳамаи табақаҳо новобаста аз дарбориёну фармондеҳони сипоҳ ва қозиёну дигарон дар либоси сабз ҳозир шуданд. Маъмун нишаст ва барои Имом(а) низ ҷойгоҳи хоссе тартиб дода буданд. Имом бо либоси сабз дарҳоле, ки салла бар сар ва шамшере ҳамроҳи худ дошт, нишаст. Маъмун дастур дод, ки фарзандаш Аббос ибни Маъмун аввалин нафар бошад, ки бо Имом(а) байъат кунад. Имом дасти худро баланд кард, чунон ки пушти даст ба тарафи чеҳраи худаш ва кафи даст ба сӯи байъаткунанда буд.

Маъмун гуфт: “Дастатро барои байъат бикушо”.

Имом фармуд: “Расули Худо(с) ин тавр байъат мекард”.

Он гоҳ мардум бо имом байъат карданд ва дасти ӯ ҳамчунон болои дастҳо буд. Дар ин ҷамъомад кисаҳои пул тақсим шуд ва суханронону шоирон дар бораи фазилатҳои имом ва дар мавриди коре, ки Маъмун анҷом дода буд суханоне баён намуданд.

Сипас Маъмун ба Имом(а) гуфт: ”Шумо низ хутба бихонед ва суханронӣ кунед”.

Имом пас аз ҳамду санои илоҳӣ ба ҳозирон хитоб карда фармуд:

***“Мо бар шумо ҳаққе аз ноҳияи Паёмбар(с) дорем ва шумо низ бар мо ҳаққе бар хотири Паёмбар(с) доред. Пас, ҳангоме ки шумо ҳаққи моро адо кардед бар мо низ лозим аст ҳаққатонро мӯҳтарам шуморем”.***

Ҳазрат дар он маҷлис чизи дигаре нафармуд.

Маъмун дастур дод, ки дирҳамҳоро ба номи “Ризо” сикка зананд.[1]

## Иқомаи намози ид

Дар яке аз идҳои исломӣ монанди иди Фитр ё иди Қурбон Маъмун барои Имом(а) паём фиристод, ки имомати намози идро пазирад ва намозро баргузор намояд. Имом посух дод:

***“Ту шартҳое, ки миёни ману ту аст медонӣ, маро аз иқомаи намоз маъзур дор”.***

Маъмун гуфт: “Манзурам аз ин кор он аст, ки мардум мутмаин шаванд ва низ фазилати туро бишносанд!”

Фиристода чанд бор миёни Маъмун ва имом рафтуомад кард ва чун Маъмун бисёр исрор варзид, Имом(а) посух дод:

[1] “Иршод”-и Муфид саҳ.291-292.



***“Бештар дӯст дорам маро аз ин кор озод кунӣ, вале агар намепазирӣ ночор бояд ин корро анҷом диҳам. Ман барои иқомаи намози ид монанди Расули Худо(с) ва Амири мӯъминон Алӣ(а) берун хоҳам омад”.***

Маъмун пазируфт ва гуфт: “Ҳар тавр моил ҳастед берун биёед”. Ӯ дастур дод фармондеҳон, дарбориён ва умуми мардум бомдоди ид пеши хонаи имом ҳозир шаванд.

Бомдоди ид пеш аз тулӯи офтоб кӯчаҳою роҳҳо аз мардуми муштоқ пур шуд ва ҳатто занону кӯдакон ҳам омада буданд. Ҳама берун омадани Имом(а)-ро интизорӣ мекашиданд. Фармондеҳон ба ҳамроҳи сипоҳиён бар маркабҳои худ савор назди манзили имом истода буданд.

Офтоб баромад. Имом ғусл кард, либос пӯшид ва саллаи сафед, ки аз пахта бофта шуда буд бар сар ниҳода як сари салларо бар сина ва сари дигарро аз пушт бар китф афканд. Пас аз он худро муаттар сохт, асо дар даст гирифт ва ба ҳамроҳони худ фармуд:

***“Он чӣ анҷом медиҳам анҷом диҳед”.***

Он гоҳ пои бараҳна дар ҳоле, ки шалвор ва низ домани либосро то нимаи соқи по боло оварда буд, ба роҳ баромад. Пас аз чанд қадам сар ба сӯи осмон боло кард ва такбир гуфт. Ҳамроҳонаш ба

такбири ӯ такбир гуфтанд... Имом ба дари сарой расид ва истод.

Фармондеҳону сипоҳиён вақте Имом(а)-ро чунон диданд, аз маркабҳо бар замин ҷастанд ва попӯшҳоро аз пой кашиданд ва побараҳна бар хок истоданд.

Имом бар дари сарой такбир гуфт ва анбӯҳи мардум бо ӯ такбир гуфтанд. Саҳна чунон шӯру азамате дошт, ки гуё осмону замин бо ӯ такбир мегуфтанд. Шаҳри Марвро саросар гиряю фарёд фаро гирифт.

Фазл ибни Саҳл вақте вазъиятро чунин дид, ба Маъмун хабар бурда гуфт: "Эй амир! Агар Ризо ба ин гуна ба мусаллои намоз бирасад, фитнаю ошӯб мешавад ва мо ҳама аз ҷони худ метарсем. Ба ӯ паём бифирист, ки баргардад".

Маъмун ба Имом(а) паём дод: "Мо шуморо ба заҳмат андохтем, дӯст надорем ба шумо заҳмату ранҷе бирасад. Шумо баргардед. Бо мардум ҳамон касе, ки қаблан намоз мехонд, намозро баргузор намояд".

Имом дастур дод, ки кафши ӯро биоваранд, онро пӯшид, савори маркаб шуд ва ба хона баргашт.[1]

---

[1] "Иршод"-и Муфид саҳ.213-214. "Уюну ахборир Ризо" ҷ.2, саҳ.148-149.



Мардум бар нифоқу авомфиребии Маъмун пай бурданд ва дарёфтанд, ки он чӣ дар мавриди Имом Ризо иброз медорад рӯякӣ аст ва ҳадафе ҷуз расидан ба ғаразҳои сиёсии худ надорад.

### Баҳсу мунозира

Маъмун дар сиёсати муздуронаи худ бар зидди имом ҳилаҳои дигаре низ андешида буд. Ӯ аз азамати мақоми маънавии Имом(а) дар ҷомеа ранҷ мебурд. Маъмун мекушид бо рӯ ба рӯ кардани донишмандон бо он ҳазрат ва ба баҳонаи баҳсу мунозираи илмӣ ва истифода аз дониши имом шикасте бар он гиромӣ ворид созад, то шояд ба ин васила аз маҳбубияти ӯ дар ҷомеа бикоҳад ва дар назари мардум имомро бемояю беқадр созад. Ин макру найрангҳои Маъмун натиҷае ҷуз афзоиши азамати Имом(а) ва шармандагии Маъмун надошт. Офтоби дониши илоҳии Имом(а) дар маҷлисҳои илмӣ чунон медурахшид, ки Маъмунро ба монанди хаффош[1] дар оташи ҳасад кӯртар месохт.

Шайх Садуқ - фақеҳ ва муҳаддиси бузургвори шиа, ки қабл аз ҳазор сол мезистааст, менависад:

> ***"Маъмун аз мутакаллимони гурӯҳҳои мухталиф ва гумроҳ афродеро даъват мекард ва ҳарис бар он буд, ки онон бар***

---

[1] Кӯршабпарак, муши паррон.

***имом ғалаба кунанд ва ин ба ҷиҳати рашку ҳасаде буд, ки нисбат ба имом дар дил дошт. Он ҳазрат бошад, бо касе ба баҳс нанишаст, ҷуз он ки дар поён ба фазилати имом эътироф кард ва ба истидлоли Имом(а) сар фурӯд овард”.***[1]

Нуфалӣ мегӯяд:

“Маъмуни Аббосӣ ба Фазл ибни Саъд фармон дод, ки сарони мазҳабҳои гуногун ҳамчун, Ҷосилиқ, Раъсулҷолут, бузургони Соибин, Ҳирбази Акбар ва пайравони Зардушт, Настоси Румӣ ва мутакалимонро ҷамъ кунад. Фазл эшонро гирд овард”.[2]

Маъмун ба василаи Ёсир, мутасаддии умури Имом Ризо(а) аз имом тақозо кард, ки дар сурати тамоюл бо сарони мазҳабҳо сухан гӯяд. Имом(а) посух дод, ки фардо хоҳам омад. Вақте Ёсир баргашт Имом ба ман фармуд: “Эй Нуфалӣ! Ту ироқӣ ҳастӣ ва ироқӣ ҳушёр аст, аз ин ки Маъмун мушрикон ва соҳибони ақидаҳоро гирд овардааст, чӣ мефаҳмӣ?”

[1] “Биҳоруланвор” ҷ.49, саҳ.175-176.

[2] Ҷосилиқ: раиси усқуфони масеҳӣ, Раъсулҷолут: раиси уламои яҳуд, Собиин: фариштапарастон ё ситорапарастон ва ё касоне, ки ба нубувват ва шариате имон надоштанд, Ҳирбаз: арабишудаи “ҳирбад” аст ва ба ходими оташкада ва қозии габрон ва оташпарастон гуфта мешавад, Настос: табиби румӣ, мутакаллимон: касоне, ки дар илми ақоид маҳорат доштанд.



Гуфтам: “Фидоят шавам, мехоҳад шуморо озмоиш кунад ва мизони донишатонро бишносад”.

Фармуд: “Оё метарсӣ онон далели маро ботил созанд!”

Гуфтам: “Не, ба Худо савганд, ҳаргиз чунин биме надорам ва умедворам Худо туро бар онон пирӯз гардонад!.

Фармуд: “Эй Нуфалӣ! Дӯст дорӣ бидонӣ Маъмун чӣ вақт пушаймон мешавад?”

Гуфтам: “Оре”

Фармуд: “Замоне, ки ман бар аҳли Таврот бо Тавроташон, бар аҳли Инҷил бо Инҷилашон, бар аҳли Забур бо Забурашон, бар соибин бо забони арабии худашон, бар ҳарбазон бо забони порсиашон, бар румиён бо забони худашон ва бар асҳоби мақолот бо луғаташон истидлол кунам, он гоҳ ки ҳар дастаеро маҳкум карда далелашонро ботил сохтам ва даст аз ақидаю гуфтори худ кашида ба гуфтори ман гароиданд, Маъмун дармеёбад, тахте, ки бар он такя кардааст ҳаққи ӯ нест ва дар ин ҳангом Маъмун пушаймон мегардад. Имом баъд аз он фармуд:

***“Ва ло ҳавла ва ло қуввата илло биллоҳил алийил азим...”.***

Бомдоди рӯзи дигар Имом(а) ба маҷлиси онон омад. Раъсулҷолут - олими яҳудӣ гуфт: “Мо аз ту

ба ҷуз аз “Таврот”, “Инҷил”, “Забур”-и Довуд ва “Суҳуф”-и Иброҳим ва Мӯсо намепазирем”.[1]

Он ҳазрат қабул кард ва бо онон аз Таврот, Инҷил ва Забур барои исботи Паёмбар(с) ба тафсил истидлол кард. Он гиромиро тасдиқ карданд ва низ бо дигарон баҳс кард, чун ҳама хомӯш монданд фармуд: “Эй гурӯҳ, агар дар миёни шумо касе мухолиф аст ва пурсише дорад бешарму тарс бигӯяд”. Умрони Собӣ, ки дар баҳс ва илми калом беназир буд, гуфт: “Эй донишманд! Агар ин набуд, ки худ ба пурсидан даъват кардӣ, пурсише намекардам, зеро ман ба Кӯфа, Басра, Шом ва Ҷазира рафтам ва бо мутакаллимони он сарзаминҳо сухан гуфтам, касеро наёфтам, ки ягонагии Худоро бар ман собит кунад...”.

Имом(а) ба тафсил бурҳони исботи Худои воҳидро барои ӯ баён кард.[2] Умрон аз ин посух қонеъ шуд ва гуфт: “Сарвари ман, дарёфтам ва гувоҳӣ медиҳам, ки Худо чунон аст, ки шумо фармудед, Муҳаммад бандаи ӯст, ки барои ҳидоят ва бо дини дуруст барангехта шудааст. Он

[1] Раъсулҷолут яҳудӣ буд ва ба Инҷил имон надошт, аммо ба он ошноӣ дошт ва мехост аз ин роҳ имомро дар ҳузури масеҳиён биозмояд, аз ҳамин сабаб тақозо кард, ки Имом[(а)] ба Инҷил низ истидлол кунад.

[2] Бурҳони муфассал ва қонеъкунандае, ки Имом(а) дар он маҷлис баён фармуд, дар китоби ”Тавҳид”-и Садуқ зикр шудааст.



гоҳ ӯ ба қибла рӯ карда ба саҷда афтод ва мусулмон шуд”.

Мутакаллимон чун сухани Умрони Собиро шуниданд, дигар чизе напурсиданд. Дар поёни рӯз Маъмун бархост ва бо Имом(а) ба даруни хона рафтанд ва мардум пароканда шуданд.[1]

## Шаҳодати Имом (а)

Саранҷом Маъмун тасмим ба қатли Имом(а) гирифт. Ӯ дарёфта буд, ки ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонад, имомро бозичаи дасти худ қарор диҳад. Азамати Имом Ризо ва таваҷҷӯҳи ҷомеа нисбат ба он гиромӣ низ рӯзафзун буд ва бо тамоми кӯшишҳои Маъмун, ки моил буд бар шахсияти иҷтимоии ҳазрат зарба занад, шахсият ва эҳтироми имом рӯз ба рӯз авҷи бештар мегирифт.

Маъмун медонист, ки ҳар чӣ вақт бигзарад, ҳаққонияти Имом(а) ва найранги Маъмун ошкор мешавад ва аз сӯи дигар Аббосиёну тарафдорони онон аз амали Маъмун дар вогузории валиаҳдии худ ба имом норозӣ буданд ва ҳатто ба унвони мухолифат дар Бағдод бо Иброҳим ибни Аббос байъат карданд. Ба ин тартиб ҳукумати Маъмун аз ҷиҳатҳои гуногун дар хатар қарор гирифта буд ва аз ҳамин сабаб пинҳонӣ дар садади нобудии

[1] “Тавҳид”-и Садуқ, саҳ.428-429.

имом баромад. Ӯ Имом(а)-ро масмум (заҳролуд) сохт, то ҳам аз имом халосӣ ёбад ва ҳам Бани Аббосу тарафдоронашонро ба сӯи худ ҷалб кунад.

Пас аз шаҳодати он гиромӣ ба Бани Аббос навишт: "Шумо интиқод мекардед, ки барои чӣ мақоми вилоятаҳдиро ба Алӣ ибни Мӯсо Ар-Ризо вогузор кардам, огоҳ бошед, ки ӯ даргузашт, пас ба итоати ман дароед".[1]

Маъмун мекӯшид тарафдорон ва пайравони Имом Ризо(а) аз шаҳодати имом огоҳӣ наёбанд ва бо зоҳиру авомфиребӣ мехост ҷинояти худро пинҳон сохта вонамуд кунад, ки Имом ба марги табиӣ даргузашта аст. Аммо ҳақиқат пинҳон намонд ва ёрони хосси Имом(а) ва хешовандон аз моҷаро огоҳ шуданд.

Абӯсалти Ҳиравӣ, ки аз ёрони наздики Имом Ризо(а) аст, гуфторе дорад, ки чигунагии умури он чӣ байни Маъмун ва Имом(а) ва саранҷом шаҳодати он гиромиро барои мо бозгӯ мекунад:

Аҳмад ибни Алии Ансорӣ мегӯяд, ки аз Абӯсалт пурсидам: "Чӣ гуна Маъмун бо он ки ба эҳтирому дӯстдории Имом худро вонамуд мекард ва ӯро валиаҳди худ сохт, мумукин аст ба қатли ӯ иқдом карда бошад?"

Абӯсалт гуфт:

---

[1] "Таърихи Табарӣ", ҷ.11, саҳ.102.



"Маъмун чун азамату бузургвории Имомро дида буд, изҳори эҳтирому дӯстӣ мекард ва ӯро валиаҳди худ намуд, то ба мардум вонамуд кунад, ки Имом(а) дунёдӯст аст. Маъмун мехост бо ин роҳ имомро дар чашми мардум беарзиш ва камнур нишон диҳад. Аммо чун дид бар зӯҳду тақвои имом халале ворид нашуд ва мардум аз имом чизе бар хилофи қудсу тақво надиданд, ба ҳамин ҷиҳат мақому фазилати Имом(а) назди мардум рӯзафзун шуд. Маъмун аз мутакаллимони шаҳрҳои мухталиф афродеро гирд овард, ба умеди он ки яке аз онон дар баҳсҳои илмӣ бар Имом(а) ғалаба кунад ва мақоми илмии имом назди донишмандон шикаст хӯрад ва он гоҳ ба василаи онҳо нуқси имом назди оммаи мардум машҳур шавад. Аммо ҳеҷ кас аз яҳудиён, масеҳиён, оташпарастон, соибин, бараҳманон, мулҳидон, даҳримазҳабон ва низ ҳеҷ ҷадалкунандае аз фирқаҳои мусулмонон бо Имом сухан нагуфт, магар он ки Имом(а) бар ӯ пирӯз шуд ва ӯро ба истидлоли хеш қаноатманд сохт. Вақте чунин шуд мардум мегуфтанд: "Ба Худо савганд Имом(а) барои хилофат авло ва шоистатар аз Маъмун аст". Маъмурони Маъмун ин хабарҳоро барои ӯ бозгӯ мекарданд ва ӯ сахт хашмгин мешуд ва оташи ҳасадаш забона мекашид. Имом (а) аз гуфтани ҳақ дар баробари Маъмун парво надошт ва дар бисёрии мавқеъҳо чизҳое, ки ба Маъмун хушоянд

набуд мегуфт, ки ин низ сабаби шиддати хашми Маъмун ва кинаи ӯ нисбат ба имом мешуд. Оқибат вақте Маъмун аз ҳилаҳои гуногуни худ бар зидди Имом(а) натиҷа нагирифт, пинҳонӣ ӯро захр дод”.[1]

Абӯсалт, ки худ ҳамроҳи Имом(а) буд ва дар дафни имом низ ширкат доштааст, мегӯяд:

> ***“Дар роҳи бозгашт аз Марв ба Бағдод, дар Тӯс Маъмун Имомро бо ангури заҳролудшуда ба қатл расонд”.***[2]

Пайкари поки Имом Ризо(а) дар ҳамон оромгоҳе, ки Ҳорун қаблан дафн шуда буд, дар пеши қабри Ҳорун ба хок супорида шуд. Воқеаи шаҳодати Имом Ризо(а) дар рӯзи охири моҳи сафари соли 203-и ҳиҷрии қамарӣ буд, ки дар ин ҳангом имом 55 сол дошт. Дуруди Худо ва паёмбарон ва покон ва некон бар рӯҳи муқаддаси он бузургвор.

Сукут ва тахрифи таърихҳо сабаби он шудааст, ки гӯшаҳои ҷиноятҳои бархе ситамгарон ва аз он ҷумла Маъмуни Аббосӣ барои ояндагон ба дурустӣ ошкор набошад. Маъмун бо разилату ҳилагарӣ на танҳо имомро заҳролуд сохта ба қатл расонд, балки бисёре аз наздикони он гиромӣ, алавиёни бузургвор ва шиаёни вафодор ба

[1] “Уюну ахборир Ризо” ҷ.2, саҳ.241.
[2] “Уюну ахборир Ризо” ҷ.2, саҳ.245.



имомро низ нобуд кард, ё овораи шаҳрҳо, даштҳо ва кӯҳҳо намуд. Маъмун чунон арса ва маишатро бар онон танг сохт, ки он гиромиён пинҳону гумном ҳар як ба гӯшае фирорӣ шуданд. Саранҷом бархе аз онон шарбати шаҳодат нӯшиданд ва бархе низ гумном зистанду мурданд. Аз таърихи зиндагии бисёре аз онон ҳеҷ хабаре дар даст нест, фақат бархе аз хабарҳои пароканда тавассути шиаён сабт ва маҳфуз монда аст.

## Чанд гуфтор аз Имом Ризо (а)

Барои табаррук ва низ баҳраварӣ аз дониши Имом Алӣ ибни Мӯсо Ар-Ризо (а) бархе аз суханони он азизи бузургворро зикр мекунем:

1. **«Ал маръу махбуъун таҳта лисониҳи»**.

> *Мард зери забонаш пинҳон аст ва чун сухан гӯяд шинохта мешавад***”.**

2. **«Ат тадбиру қаблал амали юъминука минан надами»**.

> *Тадбир ва андеша пеш аз анҷоми кор туро аз пушаймонӣ эмин медорад***”.**

3. **«Муҷоласатул ашрори турису суаззанни бил-ахёри»**.

> *Ҳамнишинӣ бо ашрор ва бадкорон сабаби бадбинӣ нисбат ба некону дурусткорон мешавад***”.**

4. **«Биъсаз зоду илал маъоди удвону алал ибоди»**.

*Душманӣ бо бандагони Худо барои охират тӯшаи бад аст”.*

5. **«Мо ҳалака имруун арафа қадраҳу»**.

*Шахсе, ки қадру манзалати хешро бишиносад, ҳалок намегардад”.*

6. **«Ал ҳадияту тузҳибус сағоину минас судури»**.

*Ҳадя кинаҳоро аз дилҳо мезудояд”.*

7. **«Ақрабукум миннӣ маҷлисан явмал қиёмати аҳсанукум хулқан ва хайрукум лӣ аҳлиҳӣ»**.

*Дар қиёмат он кас ба ман наздиктар аст, ки дар дунё хушахлоқтар ва нисбат ба хонаводаҳои худ некӯкортар бошад.”*

8. **«Лайса минно ман хона муслиман»**.

*Касе, ки ба мусулмоне хиёнат кунад аз мо нест”.*

9. **«Ал муъмину изо ғазиба лам юхриҷҳу ғазабуҳу ан ҳаққин»**.

*Мӯъмин чун хашмгин шавад хашмаш ӯро аз риояти ҳақ берун намебарад”.*

10. **«Инналлоҳа ябғазул қила вал қола ва изоъатал моли ва касратас суоли»**.

*Худованд қилу қол ва зоеъ кардани молу пурсиши бисёр (бемаврид)-ро душман медорад”.*

***11. “Муҳаббат кардан бо мардум нисфи ақл аст”.***

***12. “Сахттарин корҳо се чиз аст: инсофу ҳақгӯӣ агарчи бар зидди худ бошад, дар ҳама ҳол ба ёди Худо будан, бо бародарони имонӣ дар амвол кӯмак кардан”.***



***13. “Шахси босаховат аз таоме, ки мардум барояш омода кардаанд мехӯрад, то дигарон низ аз таоме, ки ӯ омода месозад, бихӯранд”.***

***14. “Қуръон калому сухани Худост, аз он нагзаред ва ҳидоятро дар ғайри он наҷӯед, ки гумроҳ мешавед”.***[1]

## Посухи Имом (а) ба чанд пурсиш

* Пурсиданд: “Худо чӣ гуна ва куҷост?”

* Имом фармуд:

***“Асосан ин тасаввури ғалат аст, зеро Худованд маконро офарид ва худ макон надошт, чигунагиҳоро халқ кард ва худ аз чигунагӣ (ва таркиб) барканор буд. Пас, Худо бо чигунагӣ ва макон шинохта намешавад, ба ҳис намедарояд ва ба чизе қиёсу ташбеҳ намегардад”.***

* “Чӣ замоне Худо ба вуҷуд омадааст?”

* Имом:

***“Бигӯ чӣ замоне набуда, то бигӯем чӣ вақт ба вуҷуд омадааст”.***

* “Чӣ далеле бар ҳудуси ҷаҳон (яъне ин ки ҷаҳон қаблан набуда ва махлуқ аст) вуҷуд дорад?”

* Имом:

[1] Ҳамаи суханоне, ки дар боло аз Имом(а) оварда шуданд аз китоби “Муснадул имом ар-Ризо”, ҷ.1. гирифта шудаанд.

***“Набудӣ, сипас бавуҷуд омадӣ. Худ медонӣ, ки худро наофаридаӣ ва касе, ки монанди туст туро низ ба вуҷуд наовардааст”.***

* “Мумкин аст Худоро барои мо тавсиф кунед?”

* Имом:

***”Он ки Худоро бо қиёс тавсиф кунад, ҳамеша дар иштибоҳу гумроҳист ва он чӣ мегӯяд нописанд аст. Ман Худоро ба он чӣ худ таърифу тавсиф фармудааст, таъриф мекунам, бе он ки аз ӯ рӯъяте ё сурате дар зеҳн дошта бошам: “Ло юдраку бил ҳавосси,- Худо бо ҳавоси офаридагон дарк намешавад”, “Вало юқосу бинноси,- ба мардум қиёс намешавад”, “Маъруфун бигайри ташбеҳин,- бидуни ташбеҳ шинохта мешавад”, дар айни улувви (баландии) мақом ба ҳама наздик аст, бидуни он ки битавон монанде барои ӯ муаррифӣ кард, ба махлуқоти худ мисол зада намешавад, “ва ло яҷуру фи қазиятиҳи,- дар ҳукму қазовати худ бар касе ситам намекунад”,... ба оёту нишонаҳо шинохта мешавад”.[1]***

[1] “Муснадул имом ар-Ризо”, ҷ.1, саҳ.47.



* “Оё мумкин аст замин бе ҳуҷҷати Худо ва имом бимонад?”

* Имом:

***“Агар як чашм ба ҳам задан замин аз ҳуҷҷати Худо ва имом холӣ монад, ҳамаи заминиёнро фурӯ хоҳад бурд”.***

* “Мумкин аст дар бораи фараҷ (зуҳури имоми Замон) тавзеҳ диҳед?”

* Имом:

***“Оё намедонӣ, ки интизори фараҷ ҷузви фараҷ аст?”***

**-** Не намедонам, магар ба ман биомӯзӣ!

Имом:

***“Оре, интизори фараҷ аз фараҷ аст”.[1]***

* “Имон ва Ислом чист?”

* Имом:

***“Ҳазрати Боқирулулум фармуданд: Имон мартабаи болотар аз Ислом, тақво мартабаи бартар аз имон ва яқин мартабаи бартар аз тақво аст. Чизе камтар аз яқин миёни мардум тақсим нашудааст”.[2]***

* “Яқин чист?”

* Имом:

***“Таваккал ба Худои мутаол, таслим дар баробари иродаю хости ӯ, ризоят ба***

[1] “Муснадул имом ар-Ризо”, ҷ.1, саҳ.277.
[2] “Муснадул имом ар-Ризо”, ҷ.1, саҳ.257.

***қазои илоҳӣ ва вогузории умури хеш ба Худо (аз ӯ маслиҳат хостан)”.*** [1]

* “Уҷб (худбини ва худписандӣ), ки амалро аз байн мебарад чист?”

* Имом:

> ***“Уҷб дараҷоте дорад, аз ҷумла он ки кори зишт дар назари банда ҷилва мекунад ва онро некӯ мепиндорад, аз он хушнуд мешавад ва гумон мекунад кори хубе анҷом додааст. Аз ҷумла он ки банда ба Худои худ имон меоварад, он гоҳ бар Худо миннат мегузорад, дар ҳоле ки миннат гузоштан ҳаққи Худост”.*** [2]

* “Оё ҳазрати Иброҳим, ки гуфт: “**Валокин лиятмаинна қалбӣ**” дар дили худ шакке дошт?”

* Имом:

> ***“Не, Иброҳим яқин дошт ва манзураш ин буд, ки Худо бар яқини ӯ биафзояд”.*** [3]

* “Чаро мардум аз Амири мӯъминон Алӣ (а) дурӣ карданд, ба ғайри ӯ рӯй оварданд бо он ки собиқаи фазилатҳои он ҳазрат ва мақому манзалати ӯ назди Паёмбар(с) барои мардум маълуму ошкор буд?”

* Имом:

---

[1] “Муснадул имом ар-Ризо”, ҷ.1, саҳ.257.

[2] “Муснадул имом ар-Ризо”, ҷ.1, саҳ.285.

[3] “Муснадул имом ар-Ризо”, ҷ.1, саҳ.315.



***“Чун Амири Мӯъминон(а) аз падарон, бародарон, амакҳо, тағоиҳо ва хешовандони онон, ки бо Худо ва Расул(с) дар ҷангу ситез буданд, теъдоди бисёреро кушта буд. Ин боиси душманию кинаи онон шуд ва дӯст надоштанд Амири Мӯъминон(а) валӣ ва раҳбари онон гардад. Онон нисбат ба ғайри он ҳазрат ин эҳсосу душманиро надоштанд, зеро ғайри ӯ дар пешгоҳи Паёмбар(с) ва ҷиҳод бо душман мақоми Амири Мӯъминонро доро набуд. Ҳамин сабаб шуд, ки мардум аз Амири Мӯъминон дур шуданд ва ба ғайри ӯ рӯй оварданд”.*** [1]

***Поён.***

---

[1] “Муснадул имом ар-Ризо”, ҷ.1, саҳ.81.

## Мундариҷа

Сарсухан ....................................................................... 5
Валодати соминул ҳуҷаҷ (а) ......................................... 9
Таъйин ва баёни имомати Имом Ризо (а) ................ 10
Ахлоқ ва рафтори Имом Ризо (а) ............................. 13
Мавзеъгирии Имом дар баробари дастгоҳи хилофат ......................................................................... 20
Имом дар замони Ҳорун ............................................ 20
Имом дар замони Амин ............................................. 22
Имом дар замони Маъмун ......................................... 23
Вилоятаҳдии Имом Ризо (а) ...................................... 25
Аз Мадина то Марв .................................................... 30
Имом дар Нишопур .................................................... 34
Пешниҳоди Маъмун .................................................... 39
Барои чӣ Имом вилоятаҳдиро пазируфт? ............... 40
Мавзеъгирии манфии Имом (а) ................................ 42
Ҷашни вилоятаҳдӣ ...................................................... 43
Иқомаи намози ид ...................................................... 45
Баҳсу мунозира ........................................................... 48
Шаҳодати Имом (а) ..................................................... 52
Чанд гуфтор аз Имом Ризо (а) .................................. 56
Посухи Имом (а) ба чанд пурсиш ............................. 58